ҶСК «НБО Роғун»
Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО Роғун»
Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои сохтмони иншооти энергетикии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ЛОИҲАИ НБО-И «РОҒУН» – АРЗЁБИИ НАВШУДАИ ТАЪСИРИ ЭКОЛОГӢ ВА ИҶТИМОӢ

## Ҷилди I – Арзёбии таъсири экологӣ ва иҷтимоӣ – Хулосаи ғайритехникӣ



ESIA-NTS-TAJ
АВГУСТИ 2025

ОММАВӢ

# МУНДАРИҶА


1 МУҚАДДИМА 1

2 ТАЪРИХИ ЛОИҲА 2

3 ТАВСИФИ ЛОИҲА – СОХТМОНИ САРБАНД 3

ТАВСИФИ ЛОИҲА – СОХТМОНИ ОБАНБОР 4

ТАВСИФИ ЛОИҲА – ДИГАР САМТҲОИ АСОСИИ ЛОИҲА 5

4 КАДОМ ВАРИАНТҲО БАРРАСӢ ГАРДИДААНД? 8

5 ҶАЛБИ ҶОНИБҲОИ ДАХЛДОР 9

6 МИНТАҚАИ ТАЪСИРРАСОНӢ 10

7 МУҲИТИ ҶИСМОНӢ 11

8 НАВЪҲОИ ГУНОГУНӢ БИОЛОГӢ 15

9 ВАЗЪИЯТИ ИБТИДОИИ ИҶТИМОӢ 17

10 ТАЪСИРОТИ САРҲАДӢ ВА ҶАМЪШАВАНДА 25

11 НАҚШАҲОИ ИДОРАКУНИИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ИҶТИМОӢ 27

12 ФИКРУ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА ЛОИҲА 28

# 1 МУҚАДДИМА

Лоиҳаи Нерӯгоҳи Барқии Обии Роғун (Лоиҳаи НБО Роғун) дар дарёи Вахш, тақрибан 100 км шарқтар аз шаҳри Душанбе дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Лоиҳа як ҷузъи силсилаиншоотҳои гидроэнергетикии ин дарёро ташкил дода, дар зимни он НБО-и Роғун дар баландтарин нуқтаи болооби он ҷойгир аст. .Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои (ГТЛ) сохтмони иншооти энергетикии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Лоиҳаро идора намуда, робитаҳоро бо қарздиҳандагони байналмилалӣ таъмин менамояд. ГТЛ фаъолияти Ҷамъияти Саҳҳомии Кушодаи Роғун (ҶСК НБО Роғун), ки сохтмони НБО-ро амалӣ намуда ва истифодаи онро идома медиҳад ва инчунин Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО Роғун (ММЗ)-ро, ки масъули барномаи кӯчонидан мебошад, ҳамоҳанг менамояд

Арзёбии таъсири экологӣ ва иҷтимоӣ (АТЭИ) соли 2014 ба анҷом расида буд. Ин такмил ва навсозии АТЭИ пас аз таваққуф дар кори Лоиҳа таҳия гардида буд. АТЭИ оқибатҳои эҳтимолии назаррасеро, ки метавонанд дар натиҷаи татбиқи лоиҳа ба миён оянд, шарҳ дода, чораҳо чиҳати пешгирӣ ё идора намудани Лоиҳаро бо мақсади коҳиш додани оқибатҳои зараровар ва ё афзун намудани фоидаи Лоиҳа муайян менамояд.

АТЭИ ба як қатор стандартҳо, сиёсатҳо ва дастурамалҳои экологӣ ва иҷтимоӣ (Э&И) мувофиқат мекунад, ки инҳо дохил мешаванд, вале бо онҳо маҳдуд намешаванд:

- Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла шартномаҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон узви онҳо мебошад;
- Чаҳорчӯби экологӣ ва иҷтимоии Бонки Умумиҷаҳонӣ (БУ) (соли 2018), аз ҷумла даҳ стандарти экологӣ ва иҷтимоӣ (СЭИ), Дастури умумии Гурӯҳи БУ (ГБУ) оид ба муҳити зист, саломатӣ ва бехатарӣ (МЗСБ) (соли 2007) дар бахшҳои мушаххаси саноат.

Ҳуҷҷати мазкур Хулосаи ғайритехникии (ХҒТ) АТЭИ-ро пешниҳод менамояд.

Баъд аз ба итмом расонидани корҳо Лоиҳаи мазкур аз ин қисматҳо иборат хоҳад буд:

- Сарбанд, ки то соли 2032 сатҳи қуллаи он ба 1300 метр аз сатҳи баҳр мерасад ва баландии умумии он 335 метрро ташкил медиҳад;
- Обанборе, ки сатҳи оби он то соли 2038, ҳангоми расидан ба сатҳи пурраи обгирӣ (СПО ё FSL) дар баландии 1290 метр аз сатҳи баҳр, тадриҷан баланд мешавад, Масоҳати умумии обанбор 170 км², дарозиаш тахминан 70 км ва ғунҷоишаш тақрибан 13,3 км³ хоҳад буд;
- Обпартои сатҳӣ ду нақби сатҳи миёна ва се нақби сатҳи болоӣ барои муҳофизати сарбанд ва таъмини гузаронидани бехатари селобҳо то сатҳи эҳтимолии максималии сел (СЭМС ё PMF);
- Нерӯгоҳи зеризаминӣ ва ҳуҷраи трансформаторӣ дар ғорҳои кандашуда дар соҳили чапи дарё. Нерӯгоҳ дорои шаш турбина, бо иқтидори умумии максималии тавлиди нерӯ ба андозаи 3,780 МВт хоҳад буд;
- Тақрибан 5–6 км роҳҳои рӯизаминӣ;
- Шаш хати интиқоли барқ, ки Лоиҳаро бо шабакаи миллии барқ ва кишварҳои дигар мепайванданд;
- Барқарорсозии роҳи 55-километра дар соҳили чап бо мақсади пайвастшавӣ бо пули нави болои дарёи Сурхоб, бо мақсади бартараф кардани ҷудоии деҳаҳои соҳили чап, ки дар натиҷаи сохтмони обанбор ба вуҷуд омадааст; ва
- Идома ёфтани барномаи кӯчонидан тақрибан то соли 2032, ки он вақт то 50 000 нафар аҳолии 69 деҳа ба маҳалҳои нави зист ё мавҷуда кӯчонида хоҳанд шуд.

# 2 ТАЪРИХИ ЛОИҲА



# 3 ТАВСИФИ ЛОИҲА – СОХТМОНИ САРБАНД




**Такьягоҳи иловагӣ**
Оғози тағйири ҷараёни дарё барои идомаи сохтмон, беҳтарсозии роҳи даромадгоҳ ва роҳҳои дохилӣ ва анҷом додани нақби обгардонии №3.
**Анҷом: 2016**

**Такьягоҳи обногузар**
- Сохтмони вассатии сарбанд бо истифода аз геомембрана дар баландии 1050 метр аз сатҳи баҳр сохта шуд.

**Анҷом: 2017**

**Марҳилаи 1: Сарбанд**
- Шакли вассатии сарбанд дар баландии 1110 метр аз сатҳи баҳр ва бо паҳнои 660 м сохта шуда буд, то тавлиди барвақтии барқро таъмин намояд.

**Анҷом: 2018**

**Марҳилаи 2: Сарбанди дорои баландии пурра**
- Баландии пурраи сарбанд 1300 метр аз сатҳи баҳр ва сатҳи обанбор 1290 метрро ташкил хоҳад дод. Интизор меравад, ки сохтмон то соли 2032 ба анҷом расида, обанбор то соли 2038 бо об пур карда мешавад.

**Сохтмон идома дорад**

Сарбанди дорои ядрои аз сангу гил пур кардашуда дар пояи бетонии зичшуда бунёд шуда истодааст. Ин поя ҳамчун асос барои ядрои гилини обногузар хизмат мекунад. Ҳаҷми умумии сарбанди Марҳилаи 1 тақрибан 16 миллион метри мукаабро ташкил медиҳад.

Марҳилаи дуюм тадриҷан баланд бардоштани баландии сарбандро тавассути корҳои заминӣ ва пур кардан, то расидан ба баландии пурраи сарбанд, дар бар мегирад. Маводи сангӣ барои сарбанд аз чанд кони маводи, дар болооби сарбанд ҷойгир буда, дар минтақае, ки он дар зери обанбор хоҳад монд ва ҳамчунин аз як қитъаи поёноби сарбанд гирифта мешавад. Ҳаҷми умумии сарбанд тақрибан 81 миллион метри мукаабро ташкил медиҳад.

Сохтмони сарбанд инчунин насби монеаҳои гидравликӣ ва сементиро низ барои пешгирии таъсири табақаҳои намаки табиӣ, ки аз қитъаи Роғун мегузаранд, дар бар мегирад. Ҳамчунон таҷҳизоти назоратӣ барои муайян намудани тағйирот ва таъмини устувории он дар тӯли фаъолияти сарбанд насб карда мешавад. Ҳамчунин корҳои террасабандӣ (монеабандӣ) ва дигар чораҳо барои устувор кардани қуллаҳои обанбор ва пешгирӣ аз эрозия (фарсудашави)-и хок ва лағжишҳо анҷом дода мешаванд.



# ТАВСИФИ ЛОИҲА – СОХТМОНИ ОБАНБОР




**Факту рақамҳои асосии обанбор:**
**Сатҳи пурраи таъмини об (СПТО):** 1290м аз сатҳи баҳр (асб)
**Масоҳати умумии сатҳ:** 170 км²
**Масоҳати умумии заминҳо:**
**Кишоварзӣ** – 9190 гектар.
**Обёришаванда -** 1970 гектар.
**Ҷангал ва буттазорҳо** - 1070 гектар.
**Дигар заминҳо** - 6620 гектар
**Ҳаҷми максималии обанбор:** 13238 км³

**Солҳои зериобмонӣ:**
1075 м асб – январи 2025
1100 м всб- октябри 2026
1175 м асб – августи 2028
1230 м асб – июни 2032
1290 м асб – ноябри 2038
*«бо назардошти раванди сохтмон»*



# ТАВСИФИ ЛОИҲА – ДИГАР САМТҲОИ АСОСИИ ЛОИҲА

| ҚИСМАТҲОИ ЛОИҲА | | | |
|---|---|---|---|
| **НЕРӮГОҲ ВА ТУРБИНАҲО**<br> | ▪ Марҳилаи 1 қувваи насбшудаи сарбанд: 400 МВт.<br>▪ Марҳилаи 2 Қувваи насбшудаи (умумии) сарбанд: 3,780МВт<br>▪ Марҳилаи 1 Воҳидҳои турбина: 2 адад<br>▪ Марҳилаи 2 Воҳидҳои турбина: 6 адад<br>▪ Ғори зеризаминии нерӯгоҳ: 220 x 20 x 70 метр<br>▪ Ғори зеризаминии трансформатор: 220 x 20 x 70 метр<br>▪ Дар назар аст, ки дар сурати пурра ба кор андохтани иншооти гидроэнергетикӣ дар як сол ба ҳисоби миёна зиёда аз 17 миллиард кВт/соат нерӯи барқ истеҳсол карда мешавад. | **МАНБАИ НЕРӮИ БАРҚ**<br> | ▪ **Худистеҳсолкунӣ** : Пас аз анҷоми сохтмони сарбанди марҳилаи якум дар соли 2018, кори ду турбинаи насбшуда иншоотро бо нерӯи барқ таъмин мекунад.<br>▪ **Бе шабака / Захираи барқ:** То соли 2018 манбаи мустақими барқ аз генераторҳои дизелӣ ва манбаи мустақими нерӯи барқ аз НБО Норак истифода мешуд. Ин манбаъ ҳоло ҳамчун таъминоти захиравии нерӯи барқ барои Лоиҳа амал мекунад ва ҳамчун манбаи захиравии эҳтиётӣ фаъолияташро идома хоҳад дод.<br>▪ : |
| **РОҲҲОИ НАҚЛИЁТӢ**<br><br> | ▪ Дастрасӣ ба макони лоиҳа тавассути ягона нуқтаи назоратию гузаргоҳ (ННГ), ки дар канораи шаҳри Роғун ҷойгир аст, анҷом дода мешавад.<br>▪ **Зеризаминӣ**: Тақрибан 80 км нақбҳои Лоиҳа (барои истифодабарии обанбор заруранд) ҳангоми сохтмон ҳамчун масири нақлиёт истифода мешаванд. Дар баробари боло рафтани обанбор 70 километри онҳо баста ё зери об мемонад. 6 километр роҳҳои зеризаминӣ барои истифода боқӣ мемонад.<br>▪ **Сатҳи замин:** Ҳудуди тақрибан 26 км роҳҳои нақлиётӣ атрофи маҳалли лоиҳа васеъ шудаанд, ки аксари онҳо асфалтпӯш нестанд. Ҳудуди 5-6 км аз ин роҳҳо дар марҳилаи фаъолият боқӣ мемонанд. Молҳои зарурӣ тавассути шоҳроҳи М41 Душанбе-Обигарм аз Душанбе оварда мешаванд.<br>▪ Коргароне, ки дар манзили назди маҳалли лоиҳа иқомат доранд, бо автобусҳои махсус ба ҷойи корашон интиқол дода мешаванд.<br>▪ Автобусҳо дар як рӯз ду маротиба тақрибан 300-400 нафар коргаронро, ки дар масофаи 30 километрии шаҳри Роғун зиндагӣ мекунанд, интиқол медиҳанд. | **НАҚБҲО**<br> | ▪ Нақбҳои обкаш: Обро аз обанбор ба нерӯгоҳ ва турбинаҳо барои истеҳсоли нерӯи барқ интиқол медиҳанд. Иқтидори максималии обгузаронии онҳо 1626 $m^3$/с мебошад.<br>▪ Нақбҳои обгузар : Дар марҳилаи сохтмон, об тавассути чор нақби обгузар равона карда мешавад. Дар марҳилаи фаъолият, ин нақбҳо барои равона кардани ҷараёни об аз маҷмааи нерӯгоҳ ҳангоми нигоҳдорӣ ё таъмири турбинаҳо истифода мешаванд.<br>▪ Пас аз он ки обанбор ба сатҳи пурраи худ мерасад, оби зиёдатӣ ҳангоми зарурат тавассути се обпартои сатҳи болоӣ (ОСБ) ва обпартои нақбии дурдаст (ОНД) ба поёноб равона карда мешавад. |

## ҚИСМАТҲОИ ЛОИҲА

### МИНТАҚАИ СОХТМОН



- Манзили махсус барои коргарон ва маҷмааи идоравӣ аз ҷониби пудратчии Лот 2 дар наздикии шаҳри Роғун сохта шудааст.
- Манзили коргарон инчунин дар майдони сохтмон, дар лагени №1 барои қисми кормандон таъмин шудааст, вале дар солҳои 2025/2026 ин иншоот дар ин минтақа бинобар интизори зери обшавии маҳал бо пур шудани обанбор вайрон карда мешаванд.
- Аз соли 2026, иншооти нави манзилии коргарон ва маҷмааҳои идоравӣ дар лагери Сохтмонии 2, ки дар канори деҳаи Паси Мӯҳраҳо ҷойгир аст, ва инчунин дар Минтақа/Майдони 5, ки дар поёноби сарбанд қарор дорад, бунёд хоҳанд шуд.
- Қисми боқимондаи коргарон дар беруни маҳалли лоиҳа — дар шаҳри Роғун ва деҳаҳои атрофи он иқомат доранд.
- Иншооти омодасозии бетон, анборҳои сӯзишворӣ, майдонҳои нигоҳдорӣ ва таъмири таҷҳизот, утоқҳои кории маҳаллӣ, устохонаҳои механикӣ ва марказҳои тиббӣ низ дар лагерҳои сохтмонӣ ҷойгир шудаанд.

### МАВОДУ МАСОЛЕҲ



- Карери 15 ва Карери 17, инчунин анборҳои масолеҳи майдашуда дар қисми болооби сарбанд ҷойгир шудаанд. Маводи барои истифода мувофиқ истихроҷ, коркард ва тавассути конвейери пӯшида бо дарозии 8–9 км ба самти сарбанд интиқол дода мешавад. Маводи шағали аз Карерҳои 15 ва 17, ки ба талаботи геотехникӣ ҷавобгӯ нест, ба кӯҳандозҳои партов, ки дар минтақаи обанбор ҷойгиранд, партофта мешавад.
- Карери 26 дар масофаи 2,5 км поёноб аз сарбанд ҷойгир шудааст ва тахминан 4 миллион метри мукааб масолеҳи шағалӣ аз ин минтақа истихроҷ карда мешавад. Кӯҳандози партов барои Карери 26 дар Минтақаи 5 ҷойгир аст.
- Тақрибан 10% мавод аз нақбсозӣ, ки бо талаботи геотехникӣ мувофиқат мекунад, барои сохтани сарбанд истифода мешавад.
- Тақрибан 12 миллион тонна маводу масолеҳе, ки барои сохтмони сарбанди оянда истифода мешавад, дар минтақаи поёнии сарбанд нигоҳ дошта мешавад.
- Маводҳои дигар барои сохтмон, ба монанди семент, хок, ҷӯб ва ғайра.

### ҚУВВАҲОИ КОРӢ



- Дар байни солҳои 2025 то 2028, шумораи максималии коргарони сохтмонӣ дар маҳалли лоиҳа ба 20,000 нафар мерасад.
- Тақрибан 2000 нафар кормандони дафтарҳои корӣ аз соати 8:00 то 17:00 кор мекунанд,
- Тақрибан 5000 нафар кормандон дар устохонаҳо ва дигар ҷойҳо дар давоми 12-соат фаъолият менамоянд.
- Кормандони боқимонда аз рӯи ҷадвали 15 шабонарӯзӣ дар басти 12-соатаи рӯзона ё шабона кор мекунанд. Аз ин ру, танҳо нисфи коргарон дар як рӯз дар мавқеъҳои корӣ қарор дошта, нисфи онҳо рӯзона ва нисфи дигар дар басти шабона кор мекунанд.
- Ҳар як басти корӣ 1 соатро барои хӯроки нисфирӯзӣ дар бар мегирад.

### МУАССИСАҲОИ ТИББӢ



- Аксари пудратчиёни калон ташкили муассисаҳои тиббиро дар маҳалли кор таъмин менамоянд. Барои зерпудратчиёне, ки муассисаи тиббии худро надоранд, марказҳои тиббии Роғун мавҷуданд, ки аз онҳо метавонанд ҳамаи коргарон истифода баранд.
- 13 муассисаи тиббӣ ва 8 мошини ёрии таъҷилӣ аз тарафи пудратчиёни гуногун дар мавқеъҳои корӣ таъмин карда мешаванд.
- Барои ҳар гуна ҷароҳатҳои вазнин ва ё амалиёти ҷарроҳӣ коргаронро берун аз мавқеи корӣ ба наздиктарин маркази тиббии шаҳри Роғун ва ё ба беморхонаи Душанбе интиқол медиҳанд.
- 25 духтур, 44 нафар коркунони тиб, 1 духтури дандон, 13 фелдшер, 5 ҳамшираи шафқат, 43 ронанда ва 4 фаррош фаъолият менамоянд.

## ҚИСМАТҲОИ ЛОИҲА

| | | |
|---|---|---|
| **МИНТАҚАИ НИГАҲДОРИИ ПАРТОВҲО** | **Партовҳои хатарнок**<br>▪ Объектҳо барои нигоҳдории партовҳо дар доираи сохтмони ЛОТИ 2 аз ҷониби пудратчии WeBuild идора карда мешаванд.<br>▪ Минтақаи нигоҳдории партовҳо аз қуттиҳои бетонӣ сохта шуда, партовҳо дар контейнерҳои кушоди муваққатӣ (ККМ) нигоҳ дошта шуда, нишонгузорӣ карда мешаванд.<br>▪ Партовҳои хатарнок дар зарфҳои филизӣ дар дохили контейнерҳои калонтар нигоҳ дошта мешаванд ё аз ҷониби пудратчии партовҳо барои партов дар макони партовҳои сертификатсияшуда аз макон хориҷ карда мешаванд.<br>▪ Як боркашони иҷозатномадор партовҳои хатарнокро барои коркард (масалан, батареяҳо) ва ё бартарафсозӣ интиқол медиҳад.<br><br>**Партовҳои бехатар / партовҳои сохтмонӣ**<br>▪ Дар ҳоли ҳозир бештари партовҳои сахти бехатар ба партовгоҳи шаҳри Роғун бурда мешаванд, аммо ин партовгоҳ аз зарфияти худ дида бештар пур шудааст. ЧСК «Роғун» барои сохтани партовгоҳи нав барои партовҳои сохтмонӣ лоиҳакашӣ менамояд. Дар ин объекти нав обе, ки нодуруст ба майдони сохтмон рехта шудааст, ҷамъоварӣ ва бартараф карда мешавад. | **Коркарди обҳои ифлос (ғайри коммуналӣ)**<br>▪ . Идоракунии обҳои ифлос дар айни замон аз ҷониби ҳар як пудратчӣ бо истифода аз системаи иншооте анҷом дода мешавад, ки ба зарфҳои септикӣ равона мешаванд. Пас аз он ки обҳои ифлос бо хлор безарар гардонида мешаванд, қисми моеъи он ба замин ҷаббида мешавад ва моддаҳои сахт аз ҷониби пудратчӣ барои коркард ба корхонаи коркарди обҳои ифлоси шаҳри Роғун интиқол дода мешаванд.<br>▪ Системаи коркарди оби маишӣ дар Майдони сохтмонии №1 дар ҳоли ҳозир насб шуда истодааст ва интизор меравад, ки он дар охири соли 2023 ба кор дарояд. Ин система пеш аз обхезӣ дар соли 2026 қатъ мегардад.<br>▪ Дар нерӯгоҳи барқии обӣ корхонаи саноатии коркарди об насб шудааст, то оберо, ки барои хунуккунии турбинаҳо истифода мешавад, пеш аз партов ба дарёи Вахш тоза намояд. Иқтидори ин корхона дар ҷараёни ба кор даровардани турбинаҳо дар марҳилаи фаъолият зиёд карда мешавад.<br>▪ Обҳои партови санитарии деҳаҳои кӯчонидашуда ба иншооти тозакунӣ ё системаҳои септикӣ, ки тибқи стандартҳои миллии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, интиқол дода мешаванд.<br><br>**Партовҳои тиббӣ**<br>▪ Ҳама партовҳои тиббӣбарои сӯзондан ба беморхонаи Роғун бурда мешаванд, ки дар он ҷо дар соли 2023 дастгоҳи нави сӯзондани партовҳо насб карда шудааст, то ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқат кунад.<br>▪ Партовҳои тиббии маҳаллаи нави муҳоҷиршавӣ дар Нурободи Нав барои сӯзонидан ба корхонаи сӯзонидани партовҳои Роғун бурда мешаванд. |

# 4 КАДОМ ВАРИАНТҲО БАРРАСӢ ГАРДИДААНД?

Таҳлили вариантҳо (алтернативаҳо) қисми муҳими арзёбии таъсир маҳсуб мегардад. Он имкон медиҳад, ки хатарҳои экологӣ ва иҷтимоӣ дар марҳилаҳои ибтидоӣ муайян карда шуда, интихоби аз ҳама самаранок ва устувортарини вариантҳо кафолат дода.

Барои ҷузъҳои мушаххаси Лоиҳа чандин вариантҳо баррасӣ шуданд, аз ҷумла:

- **Сенарияи бидуни Лоиҳа**
- **Мавқеи алтернативии ҷойгиршавии Лоиҳа**
- **Сохторҳои алтернативии сарбанд**
- **Баландии алтернативии сарбанд**
- **Маҳалҳои алтернативӣ барои минтақаҳои кӯчонидан.**

## Бидуни лоиҳа

Алтернативҳои НБО Роғун истифодаи бештар аз сӯзишвории истихроҷшаванда (хусусан ангишт)-ро барои қонеъ кардани талаботи барқ дар Тоҷикистонро дар бар мегиранд, ки дар он шаклҳои алтернативии энергияҳои барқароршаванда (энергияи бод ва офтобӣ) наметавонанд дар фасли зимистон норасоии барқро ҷуброн кунанд. . Ин боиси афзоиши минбаъдаи партовҳои гази карбон мегардад, ки худ ба тағирёбии глобалии иқлим сабаб мегардад

Сохтмони НБО-и Роғун имкон медиҳад, ки силсила-каскади сарбандҳои поёноб аз обхезиҳои эҳтимолии максималӣ муҳофизат карда шуда, дар ҳолати рахнашавии сарбанди Норак кишварҳои ҳамсояро дар поёноб ҳифз намояд. Лоиҳа инчунин танзими беҳтари ҷараёнҳои поёнобро барои идоракунии ҳаҷми ҷараёни об дар мавсимҳои хушксолӣ дар ҳавзаи Амударё таъмин намуда, ҳамкориҳоро дар байни кишварҳои ҳамсоя беҳтар хоҳад намуд.

**Ҷойгиршавии алтернативӣ**

**Сарбанд дар чунин мавқеъ сохта шудааст, то аз бартарии водии танг истифода шуда, миқдори масолеҳи сохтмонӣ ва талафоти заминҳо коҳиш дода шавад.**

**Сохторҳои алтернативии сарбанд**

**Якчанд намуди иншоотҳо аз сангрезаҳои дорои ядрои гилӣ, сангҳои анбошташуда бо ядрои хокӣ ва сарбандҳои гуногуни бетонӣ баррасӣ карда шуда буданд. Ядрои гилӣ бо дарназардошти хатарҳои марбут ба қабатҳои шикаст, такшинҳои намак, сифати сангҳо, болопӯшӣ ва сохтмони марҳилавӣ интихоб карда шуд.**

**Баландии алтернативии сарбанд**

Се варианти баландӣ баррасӣ гардида буд: 265м, 300м, ва 335 м. Баландии 335 м (сатҳи пурраи таъминоти об 1290 м) мӯҳлати тӯлонитарин истеҳсоли нерӯи барқро таъмин намуда, силсила каскадҳои Вахшро муҳофизат ва мӯҳлати истифодабарии сарбанди Норакро дароз менамояд.

**Маҳалҳои алтернативӣ барои минтақаҳои кӯчониданиаҳолӣ**

Маҳалҳо дар минтақаҳое интихоб карда мешаванд, ки ба захираҳои маҳаллӣ фишор намеоранд, дар он ҷо хатари заминҷунбӣ кам аст ва заминҳои кишоварзии кофӣ мавҷуд мебошанд. Ҳамаи мавқеъҳо ба нақшаҳои давлатӣ мувофиқ ва аз тарафи вазоратҳои дахлдор тасдиқ карда шудаанд. Панҷ минтақаи нави кӯчонидан муайян ва арзёбӣ шудаанд.

# 5 ҶАЛБИ ҶОНИБҲОИ ДАХЛДОР

Ҷалби ҷонибҳои дахлдор дар тӯли тамоми давраи амалисозии Лоиҳа мувофиқи Нақшаи ҷалби ҷонибҳои дахлдори Лоиҳа (НҶҶД) амалӣ карда мешавад. Раванди ҷалби ҷонибҳои дахлдор ба таъсиси каналҳои самараноки иртиботот ва иштироки якҷоя бо як қатор гурӯҳҳои дахлдор оид ба масъалаҳои асосӣ ва имкониятҳо нигаронида шудааст.

Дар доираи АТЭИ дар соли 2014  ҷалби васеи ҷонибҳои дахлдор анҷом дода шуд ва ҳамкорӣ бо шаҳри Роғун ва шаҳракҳои муҳоҷиршавӣ аз он вақт инҷониб идома дорад.

НҶДД-и ҷорӣ хавфҳо ва таъсирҳоро ба ҳамаи тарафҳое, ки ба онҳо Лоиҳа метавонад таъсир расонанд, муфассал муайян менамояд. Он ӯҳдадориҳои ГТЛ-ро вобаста ба ҷалби ҷонибҳои дахлдор, машварат ва кушодани тамоми маълумотро доир ба Лоиҳа, дар тӯли тамоми корҳои сохтмонӣ, истифодабарӣ ва кӯчонидани аҳолӣ инъикос менамояд.

Баррасии нақшаҳо, ҳадафҳо ва таъсироти эҳтимолии Лоиҳа боис шуд, ки ҷонибдорони манфиатдор ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо карда шаванд:

- Тарафҳои зери таъсир қарор гирифтаи Лоиҳа – шахсони алоҳида ва гурӯҳҳо, аз ҷумла ҷамоатҳои маҳаллӣ, ки метавонанд аз ҷониби Лоиҳа бинобар таъсири воқеӣ ё хатарҳои эҳтимолӣ ба муҳити ҷисмонӣ, саломатӣ, бехатарӣ, таҷрибаҳои фарҳангӣ, некӯаҳволӣ ё воситаҳои рӯзгузарони онҳо зери таъсир қарор мегиранд.
- Тарафҳои дигари дахлдор – ашхос, гурӯҳҳо ё ташкилотҳое, ки ба Лоиҳа дахл доранд ва метавонанд дар робита ба маҳалли ҷойгиршавии Лоиҳа, хусусиятҳо, таъсирҳо ё масъалаҳои мавриди таваҷҷӯҳи ҷомеа ба миён оянд.

Бар асоси таърифи Бонки Ҷаҳонӣ, ҳеҷ як мардуми бумӣ ба ҳайси ҷонибҳои дахлдори эҳтимолии зери таъсир қарорёфта дар робита ба таъсири Лоиҳа муайян карда нашудааст.

Дар байни солҳои 2008-2011 Шӯъбаи кӯчонидан (бахши масъул оид ба кӯчонидан пеш аз ММЗ) барномаи кӯчонидани Лоиҳаро идора карда, як қатор машваратҳоро бо ҷамоатҳо дар доираи ин раванд роҳбарӣ кард ва тафтиши минбаъдаи раванди НҶҶД нишон дод, ки Лоиҳа ба мардум дар тамоми Тоҷикистон бинобар аҳамияти стратегӣ ва миқёси он хуб шинохта шудааст.

Аз замони таъсиси расмии худ дар соли 2011, ММЗ як қатор вохӯриҳои машваратиро бо ҷамоатҳое, ки аз кӯчонидани аҳолӣ дар байни солҳои 2011 ва 2023 зери таъсир қарор гирифтаанд, анҷом додааст. Илова бар ин, ГТЛ моҳи ноябри соли 2023 дар Қазоқистон вохӯрии ҳукуматҳои кишварҳои соҳили дарё баргузор кард, то тарҳи навшудаи Ҳисоботи Арзёбии Таъсири Экологӣ ва Иҷтимоӣ (АТЭИ)-ро баррасӣ намоянд. Намояндагони созмонҳои ғайридавлатии дохилӣ ва созмонҳои байналмилалӣ (ТҒҲ ва СБ) дар ин вохӯрӣ иштирок карданд.

Дар солҳои 2023 ва 2024 ҷаласаҳои иловагӣ бо ҷамоатҳои эҳтимолии осебдида дар минтақаи Лоиҳа барои дарёфти нигарониҳо ва назари онҳо дар бораи Лоиҳа гузаронида шуданд. Масъалаҳои асосӣ ва мавзӯъҳои дар тамоми раванд муайяншуда инҳоянд:

- Сатҳи ҳамкорӣ бо ҷамоатҳое, ки аз барномаи кӯчонидан осеб надидаанд.
- Таъсири барномаи кӯчонидан.
- Ҷудо кардани замин ва ҷубронпулӣ.
- Инфрасохтор, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар хадамот.
- Барқарорсозии воситаҳои рӯзгузаронӣ.

Илова ба машваратҳои қаблӣ ва ҷалби ҷонибҳои дахлдор барои Лоиҳа, ГТЛ ва ММЗ маълумоти дахлдорро дар бораи Лоиҳа дар давраи ироаи маълумот ва сипас ба таври доимӣ ҳангоми тавсеаи Лоиҳа пешниҳод менамоянд.

# 6 МИНТАҚАИ ТАЪСИРРАСОНӢ

Миқёси пурраи Лоиҳа (аз ҷумла минтақаи зериобшаванда ва ҷузъҳои ба он алоқаманд) ва инчунин масоҳати минтақаи атроф ва ё қисматҳои "буферӣ" барои муайян намудани фазои таъсири Лоиҳа истифода гардидааст. Ин масоҳатест, ки эҳтимолан аз ҷониби Лоиҳа таҳти таъсир қарор мегирад ва он ҳамчун Минтақаи таъсиррасонӣ [МТ] маълум аст.

Барои аксари мавзӯъҳо ҳадди ниҳоии МТ ба сарҳади Лоиҳа ҳангоми зериобмонии пурраи обанбор бо баъзе қисмати мобайнӣ ва ё буферии 1 км берун аз ин сарҳад мувофиқат менамояд. Баъзе ҷанбаҳои (масалан, иҷтимоӣ) МТ метавонад ба минтақаи васеътаре низ паҳн шавад. Барои аксари мавзӯъҳои экологӣ ва иҷтимоӣ, Минтақаи Таъсиррасонӣ (МТ) мутобиқ ба ҳудуди лоиҳа дар сатҳи пурраи таъминоти захирагоҳ мебошад, бо имконияти васеъ шудани бофер то 1 километр берун аз ин ҳудуд, вобаста ба вобаста ба объектҳои таъсиргузори экологӣ, иҷтимоӣ ва ҷуғрофӣ.

Пайваст кардани НБО-и Роғун ба шабакаи минтақавии интиқоли барқӣ барои содироти барқи зиёдатӣ ба кишварҳои ҳамсоя пешбинӣ шудааст, то камбуди барқро, ки рушди иқтисодиро заиф мекунад, коҳиш диҳад.

Ёддошти байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ( соли 2022) нияти ҳарду ҳукуматро оид ба содирот/воридоти мақсадро дарозмуддати энергия аз НБО-и Роғун дар моҳҳои тобистон аз Тоҷикистон ба Ӯзбекистон бо шартҳои мутақобилан судманд муайян мекунад.



# 7 МУҲИТИ ҶИСМОНӢ

Майдони лоиҳа дар натиҷаи корҳои сохтмонӣ, ки дар тӯли даҳсолаҳо анҷом дода шудаанд, ба таври назаррас осеб дидааст, ва ин ҳолат дар шароити ибтидоӣ инъикос ёфтааст.

## ТАҒЙИРИ ИҚЛИМ

Тоҷикистон кишвари дорои иқлими мӯътадил аст, ки он тағйирёбанда ва ба минтақаи Осиёи Марказӣ хос мебошад. Мамлакат маъмулан дучори офатхои табиӣ мегардад. Таъсири тағирёбии иқлим дар мисоли тақрибан 2,5% нест гардидани яхи пиряххо дар тӯли асри 20 мушоҳида гардидааст. Пешгӯиҳо дар бораи тағирёбии иқлим афзоиши ҳарорати миёна ва болоравии шадиди ҳароратро нишон медиҳанд. Дар ин минтақа ҳамчунин афзоиши боришоти солона низ пешбинӣ гардидааст.

Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ яке аз камтарин нишондодҳои Партови газҳои гулхонаиро (ГГ) дорад. Аз 13,9 Гигатон (Гт) партобҳои гази гармхонаии кишвар, кишоварзӣ (45%) ва энергетика (42%), тақрибан 90% ҳаҷми умумии партовҳоро ташкил медиҳанд. Равандҳои саноатӣ ва истифодаи маводу маҳсулот (10%) ва партовҳо (3%) ҳаҷми боқимондаро ташкил медиҳанд.
Насб ва истифодаи НБО-и Роғун ба тағйироти глобалии иқлим таъсири назаррас нахоҳад дошт. Муқоиса бо варианти «бидуни лоиҳа» нишон медиҳад, ки НБО-и Роғун барои кам кардани вобастагӣ ба маъданҳои сӯзишворӣ ба саҳмгузорӣ дар коҳиши партови карбон дар Тоҷикистон равона шудааст.
Партовҳои газҳои гулхонаӣ, махсусан партови эҳтимолии метан аз кӯл вуҷуд хоҳанд дошт, вале хориҷ кардани наботот аз минтақаҳо пеш аз обшавӣ ва қаъри об ташаккули метанро дар поёни кӯл маҳдуд мекунад. Гап дар сари он аст, ки обҳои дарьёи Вахш хеле гилолуд буда, ба ҳисоби миёна 4,16 кг/м$^3$ заррачаҳои таҳшини муваққатиро мебуранд. Дар обанбор ҷамъ шудани чунин таҳшин дар як сол 100 миллион тоннаро ташкил медиҳад. Яъне тамоми қаъри обанбор хеле зуд бо қабати сахти лой/таҳшин пӯшида мешавад, ки минбаъд шароити анаэробро дар қабатҳои амиқтар пешгирӣ карда, партовҳои метанро аз боқимондаҳои растаниҳо коҳиш медиҳад.

## СИФАТИ ҲАВО

Олудашавии намоёни ҳаво асосан чангу ғубор, аз ҷумла зарраҳои пароканда, дар масирҳои нақлиёти лоиҳа мебошад. Миқдори миёнаи солонаи зарраҳои хурди пароканда (PM2.5) аз роҳнамоҳои Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ (ҶҶТ) зиёдтар аст.

Дар дохили нақбҳо, дуди ғализ, ки омезиши зарраҳои хурди пароканда ва партовҳои сӯхтани сӯзишворӣ мебошад, дар он минтақаҳое мушоҳида мешавад, ки шамолдиҳӣ барои ворид шудани ҳавои тоза ба қитъаҳои корӣ нокифоя аст.

## САДО

Сатҳи садои муҳити атроф барои корҳои сохтмонӣ маъмул мебошад, бо зиёдшавии сатҳи садо аз меъёр дар минтақаҳои атрофи корхонаи майдакунӣ ва конвейерҳо дар давоми рӯз; ва зиёдшавии садо аз меъёри шабона дар минтақаҳое, ки маҷмааи зисти лагери сохтмонии №1 ҷойгир аст. Сатҳи садо ҳамчунин дар баъзе қитъаҳои зеризаминии корӣ аз меъёрҳои лоиҳа зиёд аст.

Таъсири садо асосан ба истифодаи корхонаи майдакунӣ, воситаҳои нақлиёт, конвейерҳои асосӣ ва иловагӣ дар анборҳои масолеҳ, корҳои заминӣ ва заводи асфалт марбут мебошад.

Иҷрои нақшаи идоракунии садо ва назорати сатҳи таъсир ба коргарон, инчунин таъмини истифодаи ҳатмии таҷҳизоти ҳифзи шахсӣ (ТҲШ) ба коҳиши таъсироти назаррас то ба сатҳҳои қобили қабул мусоидат мекунад.
Минтақаҳои кӯчонидашуда ҳадди ақал 500 метр дуртар аз ҳама маҳалҳои зисти мавҷуда ҷойгир карда мешаванд.
Сохтмони минтақаҳои кӯчонидан эҳтимолан аз ҳадди меъёрии садо зиёд нахоҳад шуд.

## ГЕОЛОГИЯ ВА ХОКҲО

Геологияи мавзеъ барои минтақаи атроф хос буда, байни сангҳои регсанг ва силтсанг иваз мешавад. Хокҳо хоси ин минтақа буда, бо баъзе конҳои маҳаллӣ барои кишти заминҳои кишоварзӣ, асосан барои чарогоҳ мувофиқ мебошанд. Хокҳо дар минтақаи сохтмон хориҷ карда шудаанд.

Таъсироти эҳтимолӣ ба хокҳо ба талаф ёфтани хокҳои кишоварзӣ, махсусан дар минтақаи кӯл, фишурдани хокҳо ва фарсудашавии хок бинобар хушкшавии хокҳо ҳангоми паст шудани сатҳи кӯл дар моҳҳои зимистон истифодаи НБО-и Роғун алоқаманд аст

Пешгирии эрозияи хок омили асосӣ барои дароз намудани мӯҳлати истифодаи обанбор ва нерӯгоҳи барқи обӣ мебошад. Амалӣ кардани чораҳои ҳифзи хок, ба мисли ҷамъоварӣ ва истифодаи дубораи хок, ҳамчунин татбиқи нақшаи идоракунии ҳавзи об ҷамъкунӣ барои маҳдуд кардани фарсудашавӣ, хатари ин мушкилотро кам мекунад.

Баъзе ифлосшавии маҳаллии хок ба қайд гирифта шудааст, махсусан дар минтақаҳое, ки барои нигоҳдории сӯзишворӣ ва пуркунии воситаҳои нақлиёт истифода мешуданд. Ҳамчунин минтақаҳое муайян карда шудаанд, ки дар гузашта полихлорбифенилҳо (ПХБ) ва маводҳои дорои асбест (МДА) истифода мешуданд. Минтақаҳои дигар дар атрофи корхонаи собиқ бетономехтакунӣ ва зарфҳои септикӣ низ сатҳи пасти ифлосшавии хокро нишон медиҳанд.

Ҳамаи минтақаҳои ифлосшавии мавҷуда, махсусан онҳое, ки бо баланд шудани сатҳи обанбор зери об мемонанд, муайян карда мешаванд. Чораҳои зарурӣ амалӣ карда мешаванд, то ки моддаҳои хатарнок ба обанбор ё дигар минтақаҳо таъсир нарасонанд.

Гузаронидани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи асбест дар тамоми майдони лоиҳа ва тартиб додани реестри асбест, инчунин татбиқи тартиботи идоракунӣ, ба коҳиши таъсири наххои асбест ба кормандон мусоидат хоҳад кард.

## УСТУВОРИИ НИШЕБИҲОИ ОБАНБОР

Ноустувории нишебии атрофи обанбор метавонад ба минтақаҳои дар наздикии обанбор ҷойгиршуда таъсир расонад, ва лағжишҳои калони замин метавонанд то масофаи дуртар аз канори обанбор паҳн шаванд, аз ҷумла лағжишҳое, ки дар тамоми ҳавзаи обҷамъкунии обанбор рух медиҳанд. Мавҷҳое, ки дар натиҷаи лағжиши замин ба вуҷуд меоянд, хатари ҷиддӣ дар давраи пур кардани обанбор ва фаъолияти он ба ҳисоб мераванд, зеро метавонанд сатҳи обро аз сатҳи муқарраршуда баландтар бардоранд ва ҳатто ба болои сарбанд бароянд.

Барои пешгирӣ ё бартараф намудани хатари лағжиши нишебӣ дар атрофи обанбор, идоракунии нустувории нишебҳои обанбор талаб мекунад, ки механизмҳои эҳтимолии лағжиши замин, ки метавонанд ба нишебҳои атроф таъсир расонанд, бо тафсилот фаҳмида шаванд, бинобар ин чораҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- Барномаи назоратӣ бо истифода аз таҳқиқоти лағжиши замин таҳия шуда, баҳогузории хатари ҳодисаҳои эҳтимолии гуногуни лағжиши заминро, ки метавонанд ба обанбор таъсир расонанд, дар бар мегирад;
- Нақшаи идоракунии лағжиши обанбор натиҷаҳои таҳқиқоти лағжиши замин, арзёбии хатари он, назорат ва нақшаи идораи ҳолатҳои фавқулодаро дар бар мегирад; ва
- Нақшаи вокуниши ҳолатҳои фавқулодда — таҳия шудааст, то истифодабарандагони поёноб ва кишварҳои ҳамсояро саривақт огоҳ намуда, чораҳои фаврии вокунишро дар сурати ягон шикасти каскад амалӣ созад.

## МУҲИТИ ОБ

Нерӯгоҳи барқи обии Роғун дар ҳавзаи дарёи Ому, дар сароғози дарёи Вахш ҷойгир шудааст. Ҳавза аз чанд кишвар мегузарад, аз сарчашмаҳои он дар қаторкӯҳҳои Помир то ба баҳри дохилии Арал мерезад. Дарё миқдори зиёди ғубор ва масолеҳро мебарад, ки натиҷаи равандҳои шадиди фарсудашавӣ дар сароғоз мебошад.
Бастани дарёи Вахш барои сохтани обанбор бо масоҳати умумии сатҳаш 170 км² ва дарозии тақрибан 70 км боиси тағйироти васеъ ва доимӣ дар муҳити ҷорӣии дарёӣ хоҳад шуд. Барои кам кардани ин таъсир, зарур аст имкониятҳо барои беҳтар намудани вазъи экологӣ ва сифати об дар болооби маҳалли ҷамъшавии обанбори Роғун ё дар канали поёнии дарё ва каскади нерӯгоҳҳои барқи обӣ муайян карда шаванд.
Пур шудани обанбори сарбанди Роғун сатҳи обҳои зеризаминӣ дар минтақаи васеъро баланд мекунад. Барои муайян кардани таъсироти эҳтимолӣ ба аҳолии маҳаллӣ ва тартиб додани чораҳои камкунӣ, моделсозӣ ва назорати обҳои зеризаминӣ зарур мебошад.

Байни НБО-и Роғун ва НБО-и Норак тақрибан 17 км дарё вуҷуд дорад ва баровардани муназзами об аз НБО-и Роғун ҳамчун назорат барои ҷараёнҳои поёноб ба НБО-и Норак амал мекунад.

### ҶАРИЁНИ МИНИМАЛИИ ЭКОЛОГӢ

Тадқиқоти муайян намудани Ҷариёни Минималии Экологӣ дар поёноби Сарбанди Роғун низ анҷом дода шудааст. Низоми амалкунандаи ҷорӣ барои Роғун имкон медиҳад, ки ҷараёни боқимонда ба ҳаҷми 10 м³/с ба поёноб озод карда шавад. Якчанд рӯдҳои хурд низ ба ҷараёни поёноби сарбанд саҳм мегузоранд.

Тадқиқотҳо гузаронида шуданд, то муайян кунанд, ки оё ҷараёнҳои минималӣ, ки амал мекунанд, барои истифодаи нерӯгоҳи барқи обӣ мувофиқанд ва муҳити поёноб ва истифодабарандагонро муҳофизат мекунанд. Ин тадқиқотҳо нишон доданд, ки ҷараёни бештар тағйирёбанда мувофиқтар хоҳад буд, бо режими ҷараён барои солҳои муқаррарӣ ва солҳои хушкӣ муайян карда шуда.

## ҲАРАКАТИ РОҲ ВА НАҚЛИЁТ

Дастрасии асосии ҷории ба маҳалли лоиҳа аз роҳи Душанбе то Оби Гарм (M41) мебошад. Қисматҳои роҳҳои мавҷуда, ки ҳангоми пур шудани обанбор зери об хоҳанд монд, ҳоло дар ҳолати ивазкунӣ қарор доранд.

Ду роҳи асосии нав барои минтақаи атрофи обанбор (ва пул) ба нақша гирифта шудаанд:

- Шоҳроҳи байналмилалӣ дар соҳили чапи қисми поёнии обанбор, маъруф бо роҳи байни Вахдат – Ҷиргатол, бо пули дарозии 920 метр дар Дарбанд; ва
- Роҳе бо дарозии 50 км дар соҳили рости қисми болоии обанбор, байни пули дароз дар Дарбанд ва деҳаи Ғарм

Таъсири афзоиши ҳаракат ва нақлиёт асосан аз сабаби ивазшавии навбатҳо, инчунин интиқоли қувваи корӣ, молҳо ва маводҳо тавассути роҳҳои мавҷуда ба вуҷуд меоянд.

Нақшаи умумии Идоракунии Ҳаракати Нақлиёт дар тамоми майдони лоиҳа таҳия шудааст, то ки роҳҳои боркаш нигоҳдорӣ шаванд ва ҳаракати пиёдагардон ҷудо карда шавад. Ин тадбир ба коҳиши шумораи ҳодисаҳои нақлиётӣ дар маҳали сохтмон мусоидат мекунад.

Навсозии роҳҳои нақлиётӣ низ дар ҳоли анҷомёбист ва дар давраи истифодаи лоиҳа интизор меравад, ки ин боиси ба вуҷуд омадани инфрасохтори босифат гардида, ба ҷомеаҳо фоида меорад.

## ҲОДИСАҲОИ ҶИДДӢ ВА ОФАТҲО

Хатарҳои асосӣ, ки бо ҳодисаҳои ҷиддӣ ва офатҳо вобастаанд, инҳоянд: заминларзаҳо, ки метавонанд ба осеб ё шикасти сарбанд оварда расонанд; баромадан ё шикастани сарбадан бинобар оби зиёдатӣ; селлазорҳо ба дохили обанбор; хамидаҳо дар девори сарбанд, ки метавонад боиси аз даст додани қобилияти нигоҳдории об шавад; ё фалаҷшавии нақбҳо, ки роҳҳои обгузарониро маҳдуд мекунад.

Ин хатарҳо метавонанд таъсирот дошта бошанд ба:

- Аъзои ҷомеа ва аҳолии маҳаллӣ бо хатарҳои талафи ҷони одамон, ҷароҳатҳо ё аз даст додани манбаи рӯзгори онҳо.
- Инфрасохтор ва муҳити сохташуда;
- Муҳити табиӣ, аз ҷумла экосистемаҳо, сифати замин ва хок, сифати ҳаво, захираҳои оби рӯизаминӣ ва зеризаминӣ ва манзара; ва
- Муҳити таърихӣ, аз ҷумла бостоншиносӣ ва мероси таърихӣ.

Барои пешгирӣ ё бартараф кардани хатари офатҳо ва ҳодисаҳои ҷиддӣ, як қатор равандҳо аз ҷумла назорат, арзёбии хатарҳо ва Нақшаҳои Тандурустӣ ва Амният татбиқ карда мешаванд. Инҳо иборатанд аз:

- Арзёбии хатарҳои заминларза — барои муайян кардани минтақаҳои сейсмӣ фаъол, ки метавонанд боиси селлазорҳо ё фалаҷшавии замин шаванд;
- Нақшаи вокуниши фаврӣ — тадбирҳо барои посух додан ва таъмини огоҳии ҷомеаҳои ҳамсоя ва кишварҳои атроф дар бораи ҳар гуна ҳодисаи фаврӣ;
- Нақшаи муайяншудаи тафтиш ва нигоҳдории нақбҳо; ва
- Нақшаи тандурустӣ ва амнияти марҳилаи сохтмон.

# 8 НАВЪҲОИ ГУНОГУНӢ БИОЛОГӢ

Бо дарназардошти таъсири таърихии инсон дар минтақаи таъсир (МТ) ва харобшавии васеи минтақа, биогуногунӣ ба таври назаррас кам шудааст.

## МУҲИТИ ЗИСТ

Таъсири асосӣ ба навъҳои гуногуни биологӣ бо талафи муҳити зисти табиӣ, аз ҷумла ҷангалзорҳои санавбар, муҳити оби дарё ва майдонҳои хушкзол вобастаанд. Қисме аз минтақаҳои хаймафурорӣ барои моҳӣ дар натиҷаи таъсиси обанбор ва ҳамчунин дар қисматҳои болооб, ки обанбор ба дарёҳо ва ҷӯйборҳои оби дохили он бармегардад, аз даст дода мешаванд

Ҳеҷ муҳити зисти ҳассос муайян карда нашудааст; аммо ҳам майдони хушкзоли болооб ва ҳам ҷангалзорҳои санавбар ҳамчун муҳити зисти табиӣ ба ҳисоб меравнд.

Нақшаи "Бе талафи умумӣ" (No-Net-Loss) таҳия мешавад, то ҷойгоҳҳо барои дубора шинондан ва беҳтарсозии ҷангалзорҳои санавбар муайян карда шаванд ва инчунин минтақаҳои хушкзол барои моҳӣ ва амфибияҳо тақвият дода шаванд

## АМФИБИЯҲО

Таҳқиқоти мизӣ ду намуди амфибияҳоро дар водии дарёи Вахш муайян намуд; онҳо инҳоянд: бақаи сабз (*Bufo viridis*) ва бақаи кӯлӣ (*Rana ridibunda*). Ҳарду намуд дар ҷараёни тадқиқоти саҳроӣ соли 2023 сабт шудаанд ва маъмуланд. Нӯҳ намуди ҳайвоноти сангпушт мушоҳида шуда, онҳоро маъмулӣ ҳисоб мекунанд. Чор намуди онҳо дар Китоби Сурхи Тоҷикистон ҷой гирифтаанд ё аҳамияти махсуси муҳофизатӣ доранд.

### ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭКОСИСТЕМА

Хизматрасониҳои марбут ба экосистема ҷанбаҳои муҳити табииро тавсиф менамоянд, ки барои некӯаҳволии ҷомеаҳо дар дохили масоҳатҳои МТ муҳим мебошанд. Ҷанбаҳои муайяншуда растаниҳоеро дар бар мегиранд, ки барои истифодаи анъанавӣ ва доруворӣ ҷамъоварӣ карда мешаванд; дарахтони дорои арзиши фарҳангӣ (мақбараҳо); ҳудудҳои муҳофизатшаванда, ки барои экотуризм ва истироҳат истифода мешаванд; боғҳоо ва заминҳои кишт; макони зисти табиӣ; маҷрои дарёҳо; ҷӯйҳо ва навъҳои гуногунии биологӣ.

